Автор считает, что для успешного взыскания убытков владельцу информации, составляющей коммерческую тайну, необходимо не только доказать сам факт правонарушения, но и обосновать действительный размер причинённого ущерба в соответствии с нормами процессуального законодательства. Как правило, на практике данная задача нередко вызывает затруднения, поскольку установить точный денежный эквивалент последствий разглашения коммерческой тайны весьма проблематично. Помимо оценки размера причинённого ущерба, в расчёт подлежит включение также стоимости разработки, создания и внедрения информации, которая подверглась неправомерному использованию. В зарубежной правоприменительной практике подобный подход зарекомендовал себя как достаточно эффективный механизм защиты прав субъектов предпринимательской деятельности. Более того, в научной литературе все чаще высказывается позиция о целесообразности внедрения аналогичных методов в национальную правовую систему, что позволит повысить уровень охраны конфиденциальной информации и усилить гарантию прав её обладателей.

Также отмечается, что гражданско-правовая ответственность, хотя и не отличается столь высокой степенью строгости, как, к примеру, уголовная, тем не менее обладает значительным воздействием на правонарушителя и влечёт для него ощутимые последствия. В юридической практике именно такая форма ответственности применяется наиболее широко, поскольку её основные предназначение заключается в компенсации имущественных потерь, понесённых владельцем коммерческой тайны в связи с нарушением установленного режима её охраны.

Отдельного внимания заслуживает вопрос практического применения указанных норм. Поскольку регулирование охраны коммерческой тайны в национальном праве относится к сравнительно новым явлениям, сформировавшаяся судебная практика по данной категории дел пока отсутствует или носит крайне ограниченный характер, что, в свою очередь, существенно затрудняет комплексный правовой анализ и делает необходимым дальнейшее накопление правоприменительного опыта, который позволит более объективно оценить эффективность действующего законодательства и выявить направления его последующей модернизации.

В завершении проведённого анализа можно констатировать, что исследование института ответственности за нарушение прав на коммерческую тайну в законодательстве Республики Таджикистан позволяет выявить ряд особенностей его правового регулирования. Изучение действующих нормативно-правовых актов свидетельствует о том, что действующая система норм, регулирующих последствия нарушения положений Закона РТ «О коммерческой тайне» и смежных правовых актов, пока не обладает должной полнотой и внутренней согласованностью. Наличие правовых пробелов в данной сфере указывает на необходимость их дальнейшего научного осмысления и законодательного совершенствования.

# ЗАКЛЮЧЕНИЕ

Исходя из проведённого исследования, касающегося анализа гражданско-правовых норм и научной доктрины в области коммерческой тайны, также иных нормативно-правовых актов имеющих отношение к данной сфере, можно сделать следующие выводы:

Развитие законодательства Республики Таджикистан в области защиты коммерческой тайны в условиях современной экономики должна учитывать современные вызовы и проблемы, связанные с активной цифровизацией бизнеса, а также вопросами возможной утечки данных предприятий. Следует найти новые подходы для модернизации существующих законов, с учётом международных стандартов таких как соглашение ТРИПС, нормы ВТО, а также опыта стран ЕС и СНГ. Развитие законодательства Республики Таджикистан должно идти в ногу с процессом цифровизации экономики, обеспечивая баланс между защитой коммерческих интересов предприятий и необходимостью прозрачного введения предпринимательской деятельности.

Иными словами, на фоне все большей активизацией экономических интеграционных процессов перед законодателем особо актуально встает вопрос об устранении существующих пробелов в законодательстве Республики Таджикистан, регулирующих вопросы связанные с защитой информации, составляющих коммерческую тайну [1-А].

Проведя анализ зарубежного и отечественного законодательства, мы пришли к выводу, что одним из наиболее очевидных пробелов в законодательстве Республики Таджикистан является слабое нормативное закрепление вопросов обеспечения должного уровня защиты цифровой информации, которую можно отнести к коммерческой тайне. В западных странах существуют специальные законы, которые, помимо прочего, регулируют вопросы защиты персональных данных, а также обеспечения

информационной безопасности субъектов предпринимательской деятельности. В Таджикистане на данный момент подобные механизмы недостаточно проработаны, а защита коммерческой тайны в цифровой среде слабо поддаётся регламентации. Иными словами, главное отличие между законодательством Республики Таджикистан и зарубежными странами состоит в уровне детализации норм закона о коммерческой тайне, наличии действенных механизмов защиты в цифровой среде, а также достаточно развитой судебной и правоприменительной практики [1-А].

Сделан вывод о том, что правовая природа института коммерческой тайны отражает его функциональное предназначение - обеспечение справедливого баланса между необходимостью защиты конфиденциальной информации и обеспечением свободы предпринимательства. Указанная система правовых норм стремится предотвратить неправомерное получение и использование коммерческой тайной, содействуя таким образом поддержанию конкурентоспособности предприятия на рынке [2-А].

Автором определено, что коммерческая тайна среди других видов тайн занимает особое место и вместе с тем имеет тесную связь со всеми институтами конфиденциальной информации. Все разновидности подобной информации в зависимости от содержания и направление деятельности, рассматриваются отдельными отраслевыми нормативно-правовыми актами. Несмотря на широкое обозначение понятия коммерческой тайны, законодатель до сегодняшнего дня не предусмотрел отдельную статью, которая могла бы детально раскрыт весь перечень сведений, составляющих коммерческую тайну. Несомненно, сама эта задача представляется довольно сложной, так как в науке существуют огромное количество различной информации, которая могла бы быть отнесена к конфиденциальной [5-А].

Анализируя вопросы соотношения коммерческой тайны с иными исключительными правами, автор пришел к выводу, что важно не наличие или отсутствие какого-то конкретного признака, а важнее тот факт, что все объекты интеллектуальной собственности охватывают один общий интерес для владельца, т.е. имущественный. На основе данной позиции, можно указать, что коммерческая тайна даже как «нетрадиционный объект» имеет свои общие черты со всеми объектами интеллектуальной деятельности и в том числе с исключительными правами. В особенности, когда «информация» как самостоятельный объект гражданского права отражает все особенности этого института. В свою очередь, информация, составляющая коммерческую тайну, является достаточно специфическим среди других объектов интеллектуальной собственности [7-А].

Правовая охрана конфиденциальной информации, в частности коммерческой тайны, представляет собой комплексную и многоуровневую правовую конструкцию, которая базируется на сочетании нормативного регулирования, локальных актов, договорных обязательств и режимных мер, реализуемых со стороны владельца коммерческой тайны. Коммерческая тайна в данном случае представляется не только как объект охраны, а как один из важнейших элементов обеспечения экономической безопасности и конкурентоспособности субъекта предпринимательской деятельности [3-А].

Утверждается, что обеспечение эффективного режима охраны коммерческой тайны выступает не только средством индивидуальной защиты интересов владельца информации, составляющей коммерческую тайну, но и важнейшим элементом правового механизма, способствующего развитию добросовестной конкуренции и укреплению инвестиционной привлекательности страны.

Представляется обоснованным возможность внедрения в национальное законодательство Республики Таджикистане

дополнительных мер защиты коммерческой тайны, предусматривающих, в частности, возможность конфискации либо уничтожение материальных носителей информации, содержащих сведения, неправомерно полученные или использованные иным лицом, пусть даже по неосторожности или вследствие ошибки. На наш взгляд, закрепление подобного положения в Законе РТ «О коммерческой тайне» позволило бы создать более действенный механизм охраны прав её обладателей и обеспечило бы им реальное процессуальное основание для обращения в судебные органы с требованием о восстановлении нарушенного права либо возложении на нарушителя обязанности соблюдать установленный режим конфиденциальности [8-А].

Также, следует сделать вывод о том, что режим коммерческой тайны представляет собой особый правовой институт, закреплённый в национальном законодательстве и международных соглашениях, направленный на защиты конфиденциальной информации, обладающей действительной или потенциальной коммерческой ценностью. В научной доктрине он трактуется как совокупность правовых, организационных и технических мер, обеспечивающих охраны сведений, раскрытие или использование которых может нанести ущерб интересам их законного обладателя.

В отличие от объектов интеллектуальной собственности, коммерческая тайне не требует специальной регистрации или формального признания со стороны государства. Её правовой режим основывается на двух взаимосвязанных началах: во-первых, на инициативе и ответственности самого обладателя информации, который обязан предпринять разумные меры для сохранения её конфиденциальности. Во-вторых, на обязанности третьих лиц воздерживаться от неправомерного доступа, использования или разглашения таких сведений. Таким образом, правовой режим коммерческой тайны формирует

баланс частных и публичных интересов: с одной стороны, он стимулирует предпринимательскую деятельность, а с другой – ограничивает произвольное обращение с информацией, имеющей социально-экономическую значимую ценность [8-А]; [2-А].

Следует подчеркнуть, что сущностное назначение института охраны коммерческой тайны заключается в защите тех данных, которые обладают реальной или потенциальной экономической ценностью и обеспечивают владельцу коммерческой тайны конкурентные преимущества на рынке. Сохранение конфиденциальности информации позволяет субъекту хозяйственной деятельности не только получать материальную выгоду, но и поддерживать оптимальный уровень ценообразования, предотвращать искусственное занижение стоимости продукции и минимизировать риск недобросовестной конкуренции. Эффективная правовая защита коммерческой тайны играет системообразующую роль в обеспечении устойчивости рыночных отношений в целом. Утрата конфиденциальной информации способна повлечь не только убытки для конкретного предприятия, но и нанести ущерб отрасли или даже отдельным секторам национальной экономики, если речь идёт о стратегически значимых данных. Именно поэтому любые противоправные действия, направленные на разглашение или незаконное использование охраняемых сведений, должны квалифицироваться как правонарушение и влечь применение соответствующих мер юридической ответственности – от гражданско-правовой до уголовной.

Таким образом, обеспечение эффективного режима охраны коммерческой тайны выступает не только средством индивидуальной защиты интересов владельца информации, составляющей коммерческую тайну, но и важнейшим элементом правового механизма, способствующего развитию добросовестной конкуренции и укреплению инвестиционной привлекательности страны [6-А].

## РЕКОМЕНДАЦИИ ПО ПРАКТИЧЕСКОМУ ИСПОЛЬЗОВАНИЮ РЕЗУЛЬТАТОВ ИССЛЕДОВАНИЯ

Следует указать, что статья 10 Закона РТ «О коммерческой тайне» закрепляет достаточно широкий перечень мер по охране конфиденциальности информации, принимаемые ее обладателем. Среди них: «…а) определение перечня информации, составляющей коммерческую тайну; б) использования коммерческой тайны в сертифицированных средствах охраны информации; в) ограничение доступа к информации, составляющей коммерческую тайну, путем установления порядка обращения с этой информацией и контроля соблюдения такого порядка; г) учет лиц, получивших доступ к информации, составляющей коммерческую тайну, и (или) лиц, которым такая информация была представлена; д) регулирование отношений по использованию информации, составляющей коммерческую тайну, работниками на основании трудовых договоров и контрагентами на основании гражданско-правовых договоров; е) нанесение на материальные носители (документы), содержащие информацию, составляющую коммерческую тайну, грифа “Коммерческая тайна” с указанием обладателя этой информации…»[3].

Несомненно, подобные меры являются традиционными в практике большинства стран мира, но тем не менее, с момента принятия анализируемого закона прошло достаточно длительное время, за которое изменились многие реалии современных правоотношений в области охраны коммерческой тайны. Очевидно, что наиболее заметное явление современного периода – это всеобщий процесс цифровизации, который не обошел стороной и Республику Таджикистан. Уместным будет отметить, что в странах с развитой рыночной экономикой уже относительно давно действуют аналогичные законы, которые учитывают различные аспекты цифровизации рассматриваемых правоотношений. Наглядным примером здесь может

выступить законодательство Европейского Союза, которое в статье 4 Директивы ЕС (2016/943) Европейского парламента и совета от 8 июня 2016 года «О защите нераскрытого ноу-хау и деловой информации (коммерческих тайн) от их незаконного приобретения, использования и раскрытия» [1] чётко регламентирует несанкционированный доступ третьих лиц к электронным файлам владельца коммерческой тайны как незаконный акт, порождающий последствия для правонарушителя.

Отрадно, что в нашей стране на самом высоком уровне затрагивается данная проблематика. Основатель национального мира и единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в своем выступление на 79-й сессии Ассамблеи ООН от 2024 года, отмечал: «Таджикистан принимает необходимые меры посредством принятия стратегии и других концептуальных актов для поэтапного перехода к системе цифровизации». Безусловно, процессы цифровизации предполагают не только структурное изменение в экономике или технологическом секторе, не менее важным представляется работа по эффективной модернизации действующего законодательства, которое учитывало бы изменения в правоотношениях в области охраны коммерческой тайны. В этой связи мы считаем уместным сделать предложение практического характера и дополнить статью 10 Закона РТ «О коммерческой тайне» пунктом «ё» и изложить её в следующей редакции: «при хранении и обработке информации, составляющей коммерческую тайну, на электронных носителях или в информационных системах применение мер, соответствующих обстоятельствам, включая шифрование данных, использование многофакторной аутентификации, цифровую маркировку электронных документов и т.д.».

## ПУБЛИКАЦИИ ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ

### I. Статьи, опубликованные в рецензируемых и рекомендованных Высшей аттестационной комиссией при Президенте Республики Таджикистан и Высшей аттестационной комиссией Российской Федерации журналах:

**[1-А].** Дустова, Н.С. Особенности становления гражданского законодательство зарубежных стан о коммерческой тайне [Текст] / Н.С. Дустова // Юридический вестник. – Душанбе. 2023. – № 2 (14). – С. 47-51. ISSN 27-90-7570

**[2-А].** Дустова, Н.С. К вопросу о правовой природе коммерческой тайны [Текст] / Н.С. Дустова // Законодательство. – Душанбе. 2023. – № 4 (52). – С. 112-117. ISSN 2410-2903

**[3-А].** Дустова, Н.С. Понятие и сущность коммерческой тайны [Текст] / Н.С. Дустова // Юридический вестник. – Душанбе. 2024. – №2 (18). – С. 27-31. ISSN 27-90-7570

**[4-А].** Имомова, Н.М., Дустова, Н.С. К вопросу о проблеме ответственности органов государственной власти и органов местного самоуправления за разглашение коммерческой тайны [Текст] / Н.С. Дустова // Вестник филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – Душанбе. 2024. – №2 (40), Том 2. – С. 79-87. ISSN 2709-6246

**[5-А].** Дустова, Н.С. Сущность и виды коммерческой тайны в гражданско-правовом регулирование [Текст] / Н.С. Дустова // Правовая жизнь. – Душанбе. 2024. – №4 (48). – С.142-147. ISSN 2307-5198

**[6-А].** Дустова, Н.С. Право (правомочие) на использование коммерческой тайны по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Н.С. Дустова // Государственное управление. – Душанбе. 2025. – №1 (72). – С. 261-266. ISSN 2664-0651, ISSN 2709-8567

## III. Научные статьи, опубликованные в сборниках и других научно–практических изданиях:

**[7-А].** Дустова, Н.С. Конференциальная коммерческая информация как объект гражданско-правовых отношений [Текст] / Н.С. Дустова // Материалы VIII Международной научно-практической конференции (симпозиума) для молодых исследователей «А43 Актуальные проблемы современного права: соотношение публичных и частных начал». – Россия, Краснодар: АНО «НИИ АПСП», ФГБОУ ВО КубГАУ. 2024. – С. 114-117. ISBN 978-5-6043867-5-0

**[8-А].** Дустова, Н.С. Общие принципы охраны коммерческой тайны [Текст] / Н.С. Дустова // Материалы XII Международной научно-практической конференции «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития, посвященную Году правового просвещения и 30-летию Конституции РТ. – Душанбе. РТСУ. –2024. – С. 241-244

**[9-А].** Дустова, Н.С. Субъекты права на коммерческую тайну по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Материалы III Международной научно практической аспирантской конференции памяти В. Ф. Яковлева «М43 Межотраслевой подход в юридической науке: Экономика. Право. Суд». / под ред. О.В. Зайцева и С.О. Каприной. – Москва, 2025. – С. 64-68. ISBN 978-5-8354-2049-0

**ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНИИ РУСИЯ ВА ТОҶИКИСТОН**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***



**ТДУ: 347. 7 (575.3)**
**ТКБ: 67. 404 (2 таджик)**
**Д – 84**

**ДУСТЗОДА НАРГИС САЙРУҲМАД**

# СИРРИ ТИҶОРАТӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Душанбе – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Имомзода Нилуфар Муҳаммадюсуф** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Бобозода Ҷамрод Қурбон** — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;
**Абдуллозода Зебонисо Файзулло** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия «03» марти соли 2026, соати 10:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак, бинои 11, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия тавассути сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон www.tnu.tj китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ____________ соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Кодирзода Н.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Аҳаммияти масъалаҳои ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бо сабаби вобастагии афзояндаи иқтисолиёти давлатҳои гуногуни рақобат дар бозорҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар шароити муосир иттилоот ба манбани стратегӣ табдил ёфтааст ва сирри тиҷоратӣ воситаи муҳиммест, ки ба субъектҳоп хоҷагидорӣ имкон медиҳад, то бартариҳои рақобатиро нигоҳ доранд.

Хусусияти фаромарзии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии муосир хатари дастрасии беиҷозати маълумоти махфиро зиёд мекунад. Шахсони ҳуқуқии гуногун бо шарикони хориҷӣ торафт бештар ҳамкорӣ намуда, барои нигоҳ доштани чунин маълумот технологияҳои ҷадидро истифода бурда онро дар доираи ҳудудҳо ва сатҳҳои гуногуни ҳифзи ҳуқуқии чунин парвандаҳо пеш мебаранд, ки ин дар навбати худ таҳдидҳои иловагиро барои паҳн ва истифодаи нодурусти иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ба вуҷуд меорад.

Ҷаҳонишавӣ байни корхонаҳо рақобатро афзоиш медиҳад, бахусус дар соҳаҳои баландтехнологӣ, ки моликияти зеҳнӣ ва ноу-ҳау ба дороиҳои калидӣ табдил ёфтаанд. Бояд қайд намуд, ки ҳифзи сирри тиҷоратӣ ба ширкатҳо имкон медиҳад таҳияҳои инноватсионии худро махфӣ нигоҳ дошта аз паҳншавии бармаҳал ва нусхабардории рақибон пешгирӣ кунанд.

Дар пасманзари афзоиши иттиҳодияҳои байналмилалии иқтисодӣ ва равандҳои ҳамгироӣ (масалан, ҳамкорӣ дар доираи СҶТ ё дигар созишномаҳои тиҷоратӣ) масъалаҳои ҳамоҳангсозии меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ҳифзи сирри тиҷоратӣ махсусан муҳим арзёбӣ мешаванд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар арафаи ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ қарор дорад, барои таъмини ҳимояи манфиатҳои субъектҳои миллии

хоҷагидорӣ ба назар гирифтани стандартҳои байналмилалӣ ва мутобиқ намудани қонунгузории худ ба талаботи созишномаҳои байналмилалӣ муҳим мебошад.

Бо ҷуръат метавон гуфт, ки ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо кардааст, зеро он на танҳо манфиатҳои ширкатҳои алоҳидаро ҳимоят мекунад, балки рушди устувори иқтисодиётро нигоҳ дошта, рақобатпазирии байналмилалиро тақвият дода, хатари аз даст додани арзиши асосии иттилоотиро кам мекунад.

Аҳаммияти мавзуи сирри тиҷоратӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор омилҳо вобаста аст. Аввалан, иқтисодиёти муосир ба захираҳои иттиллоотӣ ва моликияти зеҳнӣ торафт бештар тамаркуз мекунад, ки он ҳифзи сирри тиҷоратиро унсури муҳимми рақобатпазирии корхонаҳо мегардонад. Дуввум, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ хатари дастрасии беиҷозат, ифшо ё истифодаи маълумоти махфиро меафзояд, ки он метавонад ҳам ба субъектҳои хоҷагидор ва ҳам ба иқтисоди миллӣ зарари ҷиддӣ расонад.

Бояд қайд кард, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои сирри тиҷоратиро танзим мекунад, дар раванди мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ қарор дорад. Чунин ҳолат бо зарурати ҳамгироии ба равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва таъмини ҳимояти муносиби ҳуқуқҳои субъектҳои муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Омӯзиши самаранокии меъёрҳои ҳуқуқии мавҷудбуда, инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили онҳо дар ин раванд аҳаммияти махсус пайдо мекунанд.

Ғайр аз ин, аҳаммияти амалии мавзуъ дар он аст, ки сирри тиҷоратӣ доираи васеи иттилоот, аз ҷумла маълумоти техникӣ, равандҳои истеҳсолӣ, стратегияҳои маркетингӣ ва иттилооти молиявиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, барои таҳқиқ ва дарки амиқтари сирри тиҷоратӣ, инчунин ҷиҳати

баланд бардоштани ҳифзи он дар сатҳи корхонаҳо ва давлат чораҳо пешниҳод карда шаванд.

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ қайд намуданд: «Ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва рушди соҳибкорӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад» [16]. Ба андешаи мо, самти зикршудаи сиёсатим иқтисодии Ҳукумати мо бо ташаккули шароити боэътимоди ҳуқуқӣ барои фаъолияти субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки яке аз ҷузъҳои асосии онҳо таъмини сирри тиҷоратӣ мебошад, алоқаманд аст. Чунин мешуморем, ки муқаррар намудани принсипҳои самарабахши рақобати софдилона ба қоидаҳои дақиқе асос меёбанд, ки таъмини бехатарии маълумоти дорои сирри тиҷоратиро ташкил дода, барои соҳибонашон арзиши моддӣ дошта, ба ҷалби афзоиши сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муосидат менамояд.

Дар баробари ин, аҳаммияти мавзуи интихобшуда аз зарурияти дарки амиқи назариявӣ-ҳуқуқии моҳияти сирри тиҷоратӣ дар заминаи қонунгузории амалкунандаи кишвар, инчунин ошкор намудани камбудиҳои ҳуқуқии ҷойдошта дар амалияи татбиқи ҳуқуқии он вобастагӣ дорад. Рушди назарраси технологияҳои иттиллоотӣ дар муҳити соҳибкорӣ масъалаҳои таъмини режими сирри тиҷоратиро ба миён овард. Дар ин робита, бояд махсусан қайд кард, ки рушди назарраси технологияҳои иттилоотӣ дар муҳити тиҷоратӣ масъалаҳои таъмини сирри тиҷоратиро махсусан муҳим гардонидааст.

Рушди назарраси технологияҳои иттилоотӣ дар муҳити соҳибкорӣ ба масъалаи таъмини сирри тиҷоратӣ, мазмун ва ҷанбаи нави консептуалӣ бахшидааст. Дар шароити рақамикунонӣ корхонаҳо бештар ба маълумоте ба

монанди алгоритмҳо, пойгоҳҳои додаҳо, моделҳои пешгӯикунанда, прототипҳои маҳсулоти рақамӣ ва ғайра такя мекунанд, ки таннҳо дар шакли электронӣ мавҷуд мебошад ва дар навбати худ котегорияи маълумоти ҳифзшавандаро ба таври назаррас васеъ намуда, сирри тиҷоратиро ба як низоми мураккаби ҳуқуқии бо инфросохтори технологии субъектҳои хоҷагидорӣ зич алоқамандбуда табдил медиҳад.

Бо рушди равандҳои муосири рақамӣ хатари паҳншавии маълумоти махфӣ ба таври назаррас меафзояд. Бояд қайд намуд, ки дар гузашта чунин таҳдидҳо асосан хусусияти воқеъӣ доштанд, аммо имрӯз манбаъҳои асосии хатар ҳамлаҳои кибернетикӣ, истифодаи нармафзори зараровар, ҷустуҷӯйи шабакаҳои осебпазири ташкилотҳо ва ҷосусии саноатӣ мебошанд, ки бо истифода аз платформаҳои рақамӣ анҷом дода мешаванд. Возеҳ аст, ки мушкилот ва таҳдидҳои муосир вокуниши муносиб ва механизмҳои муассири ҳимояи техникӣ, инчунин мавҷудияти чаҳорчӯбаи муовифи танзимкунандаеро, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад, талаб мекунад.

Ба ибораи дигар, тағйир ёфтани муҳити технологӣ боиси бознигарии табиати ҳуқуқии худи сирри тиҷоратӣ низ мегардад, зеро он дигар танҳо объекти ҳифз набуда, ба унсури ҳатмии идоракунаии стратегии корхона табдил меёбад. Ба андешаи мо, чунин падида на танҳо таъмини нигоҳдории вуҷуд доштани санадҳои меъёрии дохилӣ вобаста ба он, шартномаҳои махфикунанда ва нишондодҳои аломатгузории маълумотро дар назар дорад, балки ташаккули фарҳанги устувори ташкилотиро тақозо мекунад, ки дар он ҳифзи иттилоот на як амалиёти муваққатӣ, балки раванди мунтазам мебошад.

Масъалаи дигарро ҳамоҳангии низоми сирри тиҷоратӣ бо дигар институтҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Масалан, бархӯрди он бо муносибатҳои ҳуқуқӣ дар самти

ҳифзи маълумоти шахсӣ вазъиятеро ба вуҷуд меорад, ки дар он маълумот метавонад ҳамзамон дорои иттиллоти тиҷоратии ҳифзшаванда ва маълумоти шахсӣ бошад. Ин ҳолат зарурати ҳифзи ҳамоҳангшударо дар доираи низомҳои дахлдор ба миён меорад. Масъалаи таносуби сири тиҷоратӣ бо ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ низ бояд ҷудогона баррасӣ шавад, зеро ҳимояи патентӣ ифшои хусусиятҳои техникиву моҳияти ихтироъро дар бар мегирад, дар ҳоле ки низоми сирри тиҷоратӣ афзалиятро дар махфӣ нигоҳ доштани маълумот салоҳ мешуморад. Яъне, интихоби стратегӣ байни ифшо ва пинҳон доштани иттилоот хусусияти хоси технологӣ-ҳуқуқӣ касб менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои бол бояд зикр кард, ки иқтисоди рақамӣ дар воқеияти муосир дигар як институти статикӣ буда набуда, тадриҷан ба маҷмӯи динамикии тадбирҳо ва муносибатҳои ҳуқуқӣ табдил меёбад, ки вокуниши ҳамоҳангшудаи технологӣ, ташкилотӣ ва ҳуқуқиро талаб менамояд. Барои ҳифзи самараноки захираҳои иттиллотӣ, субъектҳои фаъоляити соҳибкорӣ, қонунгузор ва илми ҳуқуқро зарур мебошад, то ин ки равиши байнисоҳавиеро ташкил дода, бо дарназардошти хусусиятҳои технологӣ, таҷрибаи байналмилалӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ, ки он дар навбати худ бояд инфрасохтори ҳуқуқии муовифиқеро барои ҳамоҳангсозии рушд ва муҳити муносиби соҳибкорӣ дар шароити рақамисозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварад.

Ҳамчунин, лозим ба ёдоварист, ки аҳаммияти таҳқиқи сирри тиҷоратӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҷмӯи ҳуқуқҳои табиии он, инчунин ба заминаи нокифояи рушди қонунгузорӣ вобастагӣ дорад. Сирри тиҷоратӣ яке аз сарвати муҳими ғайримоддии корхона ба шумор меравад ва аз даст рафтан ё истифодаи ғайриқонунии он на танҳо метавонад

рақобатпазирии субъекти хоҷагидориро коҳиш дишад, балки устувории бозорро дар маҷмуъ халалдор намояд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи маданӣ, сирри тиҷоратӣ объекти ҳуқуқҳои истисноӣ ба ҳисоб меравд, ки зарурати муайян кардани он дар қонунгузорӣ ва инчунин таҳияи механизмҳои муҳофизатиро дар назар дорад. Дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин котегория ҳам бо Кодекси маданӣ ва ҳам бо як қатор санадҳои меъёрии махсус, ба монанди Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» танзим карда мешавад. Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки меъёрҳои мавҷудбуда, ба монанди муайня намудани мундариҷаи сирри тиҷоратӣ, марзҳои он, инчунин тартиби муқаррар кардани қонунияти моликият ва интиқоли маълумоти махфиӣ ба такмил ниёз доранд.

Аҳаммияти илмии таҳқиқи мавзуи мазкур дар муайян намудани камбудиҳо ва бархӯрди қонунгузорӣ асос ёфтааст, ки барои ташаккули пешниҳодҳои асосонок оид ба такмили он имконият фароҳам меорад. Ҳамчунин, бояд зикр кард, ки дар доираи таҳлили илмии муқаррароти асосии низоми қонунгузории миллӣ, ки масъалаҳои ҳифзи сирри тиҷоратиро танзим менамоя, бояд ба мушкилоти таносуби он бо меъёрҳои байналмилалӣ дар ин самт диққати махсус дода шавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои ҳифзи сирри тиҷоратӣ объекти омӯзиш дар доктринаи шумораи зиёди олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ва ҳам хориҷӣ гардидааст. Таҳқиқоти муаллифон ба монанди М.З. Рахимов [6], Л.А. Ацапина [11, с. 42], А.В. Адамов [7, с. 77], Г.В. Бромберг [4, с. 19], З.Ф. Гайнуллина [12, с. 31], Ш.К. Гаюров [5, с. 16], Н.С. Гуляева [13, с. 12], Н.М. Имомова [8, с. 229], З.Р. Игбаева [14], Т. Махмадхонов [15, с. 92], Д.А. Сидиков [10, с. 303], Н.А.Потапов [9, с. 43] ва ғайра бевосита ба масъалаҳои ҳифзи сирри тиҷоратӣ бахшида шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ.** Тадқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи барномаи аспирантураи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славиянии Русия ва Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси «5.1.3. Илмҳои хусусӣ ҳуқуқӣ (сивилистӣ)»-и иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадаф аз ин пажуҳиши анҷомдода таҳлилу ташхиси ҳамаҷонибаи вежагиҳои сирри тиҷоратӣ буда, ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти табиати ҳуқуқӣ, хусусиятҳои танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнсозӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо оид ба такмили механизми ҳуқуқии ҳифзи он дар шароити муосири рушди иқтисодиёт ва ҳамгироӣ ба фазои ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вазифаҳои таҳқиқот дар нуқтаҳои зерини кори диссертатсионӣ инъикос ёфтаанд:

1. Гузаронидани тадқиқоти ҳамаҷониба аз равандҳои ташаккул ва таҳаввулоти заминаи меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими сирри тиҷоратӣ;
2. Гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои танзими ҳуқуқии институти сирри тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва анҷом додани таҳлили муоқоисавӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ;
3. Муайян намудани мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ, аломатҳои институсионалӣ ва дигар хусусиятҳои хоси сирри тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Муайян кардани рӯйхати маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳанд ва анҷом додани таснифоти илмии навъҳои он бо дарназардошти моҳияти ҳуқуқияшон;
5. Бо дарназардошти тамоюлҳои муҳимми рушду такомули қонунгузории амалкунанда муайян намудани аломатҳои хосе, ки имкон медиҳад, сирри тиҷоратӣ бо

дигар анвои объектҳои фаъолияти зеҳнӣ мансуб дониста шавад;

6. Муайян намудани доираи субъектҳое, ки ҳуқуқ ба сирри тиҷоратӣ дорад, инчунин доираи ҳуқуқу ухдадориҳои онҳо, ки дар ҷараёни муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ ба миён меоянд;

7. Таҳлил намудани низоми ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ ҳамчун як механизми махсуси таъминкунандаи ҳимояи самараноки он;

8. Таҳқиқи асосҳои фарорасии ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ифшои сирри тиҷоратӣ тиқби қонунгузории миллӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти мазкур муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар ҷараёни таъсис, истифода, нигоҳдорӣ ва ҳифзи ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ ҳамчун объекти мустақил ва мушаххаси ҳуқуқҳои маданӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбанд. Муносибатҳои ҳуқуқии мазкур доираи васеи масъалаҳоеро фаро мегирад, ки мавқеи ҳуқуқии субъектҳои дар раванди истифодаи маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ширкат варзида, тартиби ба миён омадани ҷавобгарӣ барои ифшои чунин маълумотҳо, инчунин ҳаҷми ҳуқуқ ва ухдадориҳои онҳоро муайян мекунад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти мазкур аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборатанд, ки ба маъалаҳои ҳифз ва ҳимояи сирри тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, табиати ҳуқуқии онҳо, инчунин меъёрҳои таъмини манфиатҳои қонунии субъектҳои ин муносибатҳои ҳуқуқиро танзим мекунанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот мариҳалаҳои асосии ташаккули институти сирри тиҷоратиро аз миёни асри гузашта то давраи муосир ба таври хронологӣ фаро мегирад. Ба мараҳали ташаккул ва таҳаввули қонунгзории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар соҳаи ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар давраи Истиқлол диққати махсус дода шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқот бар асоси доираи васеъи асарҳои илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, ки заминаҳои дарки мавзуро гузоштаанд, тартиб дода шудаанд. Чаҳорчӯбаи методологии таҳқиқот бар асоси маҷмӯи консепсияҳои назариявӣ ва муқаррароти доктриналеи тартиб дода шудааст, ки ҷанбаҳои гуногуни хусусияти ҳуқуқӣ ва зуҳуроти амалии соҳаи таҳқиқшавандаро ошкор мекунанд.

Таҳқиқоти илмӣ, ки ба системакунонии котегорияҳои ҳуқуқӣ, методологияи таҳлили ҳуқуқӣ ва муайянкунии робитаҳои байнаи сохторҳои назариявӣ ва татбиқи амалии онҳо аҳамияти хоса доранд, ки дар амалияи ҳифзи ҳуқуқ бахшида шудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур ба асарҳои олимоне, чун А.В. Ойгензихт, Ш.М. Исмоилов, Ш.К. Ғаюзода, О.А. Красавчико, М.Я. Кириллов, К.Ш. Қурбонов, Т. Маҳмадхонов, Б.Т. Худоёрзода, М.З. Раҳимов, Х.М. Саидов, Ф.С. Сулаймонов, Е.А. Суханов, А.П. Сергеев, Ю.К. Толстой, А.В. Белов, Н. Шонасриддинов ва дигарон диққати махсус дода шудааст.

Асарҳои зикргардида на танҳо дастгоҳи мафҳумӣ-котегориявии соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии баррасишавандаро муайян мекунанд, балки ба мо имкон медиҳанд, ки самтҳои методологии онро муайян намуда, хусусияти байнаифаннии мавзуи таҳқиқшавандаро асоснок карда, тамоюлҳои муосири рушд ва хусусиятҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқиро дар шароити муҳити иҷтимоию ҳуқуқии босуръат тағйирёбанда, муайян кунем. Ин гуногунрангии назариявӣ барои таъмин кардани равиши ҳамаҷониба равона шудааст ва ҳамчун асоси устувори докториналӣ барои таҳлили минбаъдаи масъалаҳое, ки дар таҳқиқот матраҳ шудаанд, хизмат мекунад.

**Асосиҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди навиштани таҳқиқоти диссертатсионии мазкур усулҳои системавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-назаривии омӯзиши, падидаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, усули модели ҳуқуқӣ ва дигар усулҳои таҳқиқоти ҳуқуқӣ истифода шуданд. Усулҳои дар боло зикршудаи таҳлили илмӣ имкон доданд, ки марҳалаҳои асосии эволютсионии ташаккули институти сирри тиҷоратӣ, қонуниятҳои рушди мавзуъ ва объекти таҳқиқот, инчунин робитаи он бо дигар падидаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ошкор карда шаванд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Маводи илмӣ ва меъёрии танқидӣ, ки вазъи кунунӣ ва мушкилоти мубрами соҳаи ҳифзи сирри тиҷоратиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мекунад, ҳамчун асоси эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур баромад менамоянд. Барои таҳқиқи чунин мушкилоти мураккаб ва байнисоҳавӣ муаллиф аз доираи васеи манбаъҳо истифода бурдааст, ки ҷанбаҳои гуногуни онро равшан мекунанд. Аз ҷумла, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои ҳифзи сирри тиҷоратиро танзим мекунанд, санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, инчунин санадҳои қонунгузории кишварҳои хориҷӣ дар бораи сирри тиҷоратӣ ва ғайра.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки он дар шароити муосир яке аз аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳифзи сирри тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Камбудиҳо ва норасоиҳо дар заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои ҳифзи сирри тиҷоратиро танзим мекунад, ошкор гардида, роҳҳои бартараф намудани онҳо бо назардошти меъёрҳои байналмилалӣ ва таҷрибаҳои кишварҳои хориҷӣ пешниҳод карда шудаанд. Аломатҳои институтсионалии сирри тиҷоратӣ муайян ва мушаххас карда шудаанд, ки имконият медиҳад ҷойгоҳи он дар

доираи объектҳои ҳуқуқи маданӣ дақиқтар муайян гардида, ҳимояи ҳуқуқии самараноктар таъмин карда шавад.

**Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Нававарии илмии таҳқиқоти мазкур дар мазмуни пешниҳодҳои назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд, ки аз муқаррароти зерин иборатанд:

1. Муҳаққиқ натиҷа гирифтааст, ки дар вазъи пурпечутоби иқтисоди ҷаҳони муосир рушд ва тавсеаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи асрори тиҷоратӣ бояд тазодҳо ва мушкилоти муосири вобаста ба рақамискунонии фаъоли тиҷорат, инчунин масъалаҳои эҳтимолии дағалона вайрон кардани маълумоти корхонаҳоро ба назар гирад. Барои бозбинии қонунҳои мавҷудбуда, бояд роҳҳои ҷадид бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ ба монанди созишномаи ТРИПС, меъёрҳои СҶТ, инчунин таҷрибаи кишварҳои ИА ва ИДМ пайдо карда шаванд. Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раванди рақамисозии иқтисодиёт ҳамқадам буда, бояд тавозуни байни ҳимояи манфиатҳои тиҷоратии корхонаҳо ва зарурати ҷорӣ намудани шаффофияти фаъолияти соҳибкорӣ таъмин гардад.

Ба ибораи дигар, дар пасманзари афзоиши рӯзафзуни равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар назди қонунгузор масъалаи бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада, масъалаҳои марбут ба ҳифзи иттилооте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳанд, танзим карда шаванд.

2. Муаллиф изҳор медорад, ки режими сирри тиҷоратӣ на як режими статистикӣ, балки режими ҳуқуқии динамикӣ мебошад, яъне мавҷудияти он аз иродаи соҳиби иттиллоот ва риояи шартҳои муқаррарнамудаи қонун вобастагӣ дорад. Баръакси ҳуқуқи муаллифӣ ё панентӣ, ки ба таври худкор ё бо роҳи бақайдгирӣ ба вуҷуд меоянд, сирри

тиҷоратӣ то он даме вуҷуд дорад, ки иттиллоот хусусияти пӯшида дошта бошад ва аз ҷониби худи субъект ҳифз карда шавад.

Дар робита ба ин, метавон гуфт, ки хусусияти режими сири тиҷоратӣ аз ҳамбастагии зичи механизмҳои ҳуқуқӣ ва воқеӣ иборат аст, зеро меъёри ҳуқуқӣ худ аз худ бидуни амалҳои фаъоли соҳиби он имконияти таъмини ҳифзи маълумотро надорад.

3. Гуфта мешавад, ки таъмини низоми самараноки ҳифзи сирри тиҷоратӣ на танҳо воситаи ҳимояи инфиродии манфиатҳои соҳиби иттиллооти сирри тиҷоратӣ мебошад, балки ҳамчун унсури муҳимми механизми ҳуқуқӣ ба рушди рақобати софдилона ва таҳкими ҷалби сармоягузории кишвар мусоидат менамояд.

Ҷорӣ намудани тадбирҳои иловагии ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан мусодира ва нобуд кардани воситаҳои моддии иттилооте, ки сири тиҷоратиро ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби шахси дигар ғайриқонунӣ дастрас ё истифода гардидаанд, ҳатто агар онро дар натиҷаи хато ё беэҳтиётӣ дарёфт гардида бошад, барои соҳибони қонунии чунин маълумот имконияти асоснок мешавад. Ба андешаи мо, таҳкими чунин муқаррарот дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» матавонад механизми муассиртари ҳифзи ҳуқуқии соҳибонро ҷорӣ намуда, ба онҳо заминаи воқеии мурофиавиро барои муроҷиат намудан ба мақомоти судӣ бо талаби ба зиммаи вайронкунанда вогузор намудани уҳдадорӣ барои риояи низоми муқаррарнамудаи махфигӣ ё барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи он фароҳам оварад.

4. Бар асоси таҳлили қонунгузории Иттиҳоди Аврупо, бахусус моддаи 4-и Дастурамали ИА (2016/943), ки аз тарафи Шуро ва Парлумони Аврупо аз 8-уми июни соли 2016 «Дар бораи ҳифзи маълумоти ноу-хау ва маълумоти тиҷоратӣ (сирри тиҷоратӣ)-и ошкорнашуда аз дастрасӣ,

истифода ва ифшои ҳуқуқвайронкунии онҳо» [1], пешниҳод мегардад ба моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» илова намудани банди «ё» ва ба таври зайл баён намудани онро мувофиқи мақсад мешуморем: «ҳангоми нигоҳдорӣ ва коркарди иттилооте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳад, дар воситаҳои электронӣ ё дар системаҳои иттилоотӣ татбиқи чораҳои мувофиқ ба ҳолатҳо, аз ҷумла рамзгузории маълумот, истифодаи аутенфикатсияи бисёромилӣ, тамғагузории рақамии ҳуҷҷатҳои электронӣ ва ғ.».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои потенсиали татбиқи амалӣ буда, дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва таъмини ҳуқуқии низоми сирри тиҷоратӣ ҳамчун заминаи рушди минбаъдаи танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунанд. Хулосаҳои дар ҷараёни таҳқиқот бадастовардашуда ба таҳлили амиқ ва системавии таълимоти илмӣ, меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои эътирофшудаи байналмилалӣ-ҳуқуқӣ такя мекунанд. Маводи назариявии дар кор пешниҳодшуда метавонад ҳамчун асоси методологӣ дар таҳияи барномаҳои таълимӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи тиҷоратӣ» ва «Ҳуқуқи маданӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат кунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулосаҳое, ки дар доираи диссертатсияи мазкур таҳия шудаанд, ба заминаи комплексии методологие такя менамоянд, ки доираи васеи равандҳои таҳқиқотиро фаро мегирад. Дурустии хулосаҳо бо фаҳмиши ҳамаҷонибаи ҳам таълимоти илмӣ-ҳуқуқии миллӣ ва ҳам хориҷӣ, инчунин баррасии амиқи маҷмуи назарраси манбаҳои меъёрию ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ва шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи ин таҳқиқоти диссертатсионӣ

ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқот аз ҷониби довталаб дар асоси ташаббуси таҳқиқотҳои анҷомдодаи худ, ки дар таҳияи сохторҳои консептуалии аслӣ ба масъалаҳои асосии мавзуъ, инчунин озмоиши муқаррароти асосии кор тавассути баромад бо маърузаҳо дар конфронсҳои илмӣ ва амалии сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дарҷ гардидаанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳала ба марҳала гузаронида шуда, дар гузоришҳо ва суханрониҳои муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии зерин инъикос ёфтаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– VIII-умин Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ (симпозиум) барои муҳаққиқони ҷавон «Мушкилоти мубрами ҳуқуқи муосир: таносуби ибтидоҳои оммавӣ ва хусусӣ» – Мавзуи баромад: «Конференциальная коммерческая информация как объект гражданско-провых отношоний». – Русия. ш. Кроснодар, 14-уми ноябри соли 2023;

– III-юмин Конфронси байналмилалии илмӣ-амалии аспирантӣ бахри хотираи В.Ф. Яковлев «Муносибати байнисоҳавӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ: Иқтисод. Ҳуқуқ. Суд» – Мавзуи баромад: «Субъекты права на коммерческую тайну по законодатльству Ресбпублики Таджикистан». – Русия. ш. Москва, 15-уми декабри соли 2023;

– XII-умин Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Низоми ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: таҳлили тамоюлҳо ва дурнамои рушд» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва «30 солагии Рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Мавзуи баромад: «Общие принципы охраны коммерческой тайны». – Душанбе. ДСРТ, 25-уми октябри соли 2024.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорон ва омӯзгорону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бахшида ба эълон гардидани «Солҳои 2025-2030 ҳамчун солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия». - Мавзуи баромад: «Прововой режим коммерческой тайны в Республике Таджикистан». – Душанбе. ДМТ, 25-уми октябри соли 2025.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта аз ҷониби муаллиф дар таҳияи барномаҳои таълимӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи тиҷоратӣ», инчунин ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ аз рӯйи ихтисоси «Ҳуқуқи маданӣ» истифода гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосиии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ оварда шудаанд, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои пешбари тавсиянамудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комииси олии аттестатсионии Федератсияи Россия нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб иборат аст, ки ҳашт параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашударо дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии рисола 174 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Мавриди зикр аст, ки дар бахши ибтидоии таҳқиқоти мазкур муҳимммияту зарфияти мавзуи баргузидашуда ва дараҷаи таҳияи он асоснок карда мешавад, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян мегардад, объект ва мавзуъ, усулҳои истифодашудаи таҳқиқоти илмӣ муайян карда мешаванд, навгонии илмӣ ва саҳми шахсии довталаб, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот асоснок гардида, сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти илмӣ равона мешавад.

Боби якуми рисола **«Рушди институти сирри тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби якум – **«Ташаккул ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сирри тиҷоратӣ»**, муаллиф таҳлили рушди таърихии институти ҳуқуқи тиҷоратиро анҷом медиҳад. Қонунгузории ватанӣ дар соҳаи танзими масъалаҳои ҳифзи сирри тиҷоратӣ алоҳида таҳлил карда шудааст. Муқаррароти Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сирри тиҷоратӣ таҳлил карда шудааст. Муайян гардидааст, ки дар шароити муосир дурнамои рушди институти сирри тиҷоратӣ аз якчанд омилҳо ва тамоюлҳое вобастагӣ дорад, ки соҳаи мавриди назарро ташаккул медиҳад.

Муҳаққиқ бар он аст, ки масъалаҳои марбут ба ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ танҳо дар марҳилаҳои нисбатан дер ба инъикос ва таҳкими худ дар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуданд. Ин ҳолат ба хусусиятҳои рушди таърихии кишвари мо дар асри бистум марбут аст, ки дар он давра Тоҷикистон ҷузъи Иттиҳоди Шуравӣ ба шумор мерафт ва дар он идеологияи сотсиалистӣ ҳукмрон буда, иқтисоди барномарезишуда бар пояи идоракунии фармондеҳиву маъмурӣ ташкил ёфта, иқтисоди бозорӣ ва мавҷудияти моликияти хусусӣ рад

мешуданд. Дар чунин низом мафҳумҳое, чун иттилооти тиҷоратӣ, ноу-ҳау ва дигар намудҳои муносибатҳои ҳуқуқие, ки барои модели бозаргонӣ хос мебошанд, на танҳо мавриди истифода қарор надоштанд, балки ҳамчун унсурҳои ғайри қобили қабул дониста мешуданд. Танҳо бо фароҳам омадани истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ шароити ҳуқуқӣ ва амалӣ барои ташаккул ва танзими ҳуқуқии чунин муносибатҳо, аз ҷумли ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ ба вуҷуд омад.

Муаллиф таъкид мекунад, ки то давраи ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санади алоҳидаи меъёриву ҳуқуқие, ки масъалаҳои марбут ба сирри тиҷоратиро танзим намоянд, вуҷуд надошт. Бо вуҷуди ин, то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ қисман тавассути меъёрҳои дигар санадҳои қонунгузорӣ танзим мешуданд, аммо ин ба таври комил ба воқеиятҳои нави замон, ки дар он аллакай муносибатҳои бозаргонӣ ташаккул ёфта буданд, ҷавобгӯ набуд. Дар натиҷа, масъалаи танзими ҳуқуқии муассири институти сирри тиҷоратӣ аҳамияти бештари амалӣ пайдо кард.

Ба андешаи диссертант, новобаста аз зикри мустақим ё ғайримустақим баъзе ибораҳои ҳуқуқӣ, қонунгузор дар қонуни мавриди назар ҳамаи нишонаҳои иттилооте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳанд, ба таври пурра пешниҳод накардааст.

Илова бар санадҳои қонунгузорӣ, танзими ҳуқуқии иттилооте, ки ба сирри тиҷоратӣ мансуб аст, ҳамчунин тавассути меъёрҳои Кодекси гумрук, Кодекси андоз ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешуд, ки дар он давраи пасошуравӣ аҳамияти қобили мулоҳиза доштанд.

Муҳаққиқ хулосаи муаллифии худро дар зербоби мазкур чунин пешниҳод намудааст, ки рушди қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти муосир бояд чолишҳо ва мушкилоти замони имрӯзаро, ки бо раванди фаъоли рақамисозии тиҷорат ва эҳтимоли паҳнгардии маълумоти ширкатҳо марбутанд, ба инобат гирад. Дар ин замина, зарур аст, ки бо дарназардошти меъёрҳои байналмиллалӣ, аз ҷумла Созишномаи ТРИПС, стандартҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС), инчунин таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва ИДМ роҳҳои нави модернизатсияи қонунгузории мавҷуда ҷустуҷӯ карда шаванд. Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамқадами раванди рақамисозии иқтисодиёт бошад ва тавозуни муносиб байни ҳифзи манфиатҳои тиҷоратии субъектҳои соҳибкорӣ ва зарурати таъмин намудани шаффофияти фаъолияти соҳибкориро ба вуҷуд оварад.

Ба андешаи муаллиф, ҳадафи асосии кодификатсияи қонунгузорӣ дар соҳаи муносибатҳои иттилоотӣ, ин таъсиси заминаи ҳуқуқии муназзам ва низомёфта мебошад, ки бахри аз байн бурдани мушкилоту ихтилофи мавҷудбуда қонунгузории амалкунанда, инчунин бар рушди соҳа ва танзими муносибатҳои марбута дар шароити бавуҷудоиии имкониятҳои нав ва истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мусоидат мекунад. Қонунгузории муосир бояд усулҳои нави муайянсозии табиати ҳуқуқии истилоҳоти мухталифро ба инобат гирад, то ин ки мафҳумҳои марбут ба иттилоот, намудҳо ва хусусиятҳои он ба таври васеъ ва муфассал ифода ёбанд. Шомил намудани истилоҳи мутобиқ ва замонавӣ ба қонунгузории амалкунанда, ки ба низоми ҳуқуқии кишвар ба таври воқеи мутобиқ шаванд ва муносибатҳои марбут ба ҳифзи иттилоот, аз ҷумла сирри тиҷоратиро самаранок танзим намоянд, ба таҳкими тамоми маҷмуи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи сирри тиҷоратӣ ва беҳтар гардидани вазъи иқтисодӣ таъсири мусбат хоҳад расонд.

Дар зербоби дуюми боби якум, тахти унвони – **«Хусусиятҳои танзими ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ дар марҳилаи муосир»**, аз ҷониби диссертант таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои танзими ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ дар шароити кунунӣ анҷом дода шудааст. Ҷанбаҳои асосии рушди институти мазкур дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Мафҳуми «сирри тиҷоратӣ» аз дидгоҳи санадҳои гуногунимеъёриву ҳуқуқӣ муайян карда шудааст. Ҳамзамон, мушкилоти асосӣ дар самти ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар шароити муосир муайян ва таҳлил шудаанд.

Диссертант ба масъалаи баъзе хусусиятҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи сирри тиҷоратӣ ва фарқияти он аз усулҳои танзими ин навъи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар кишварҳои дигар таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад. Пеш аз ҳама, қонунгузрии миллӣ бар пояи Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» асас ёфтааст, ки сирри тиҷоратиро ҳамчун иттилооте муайян мекунад, ки дорои арзиши моддӣ мебошад, сирри давлатӣ набуда, аз ҷониби соҳиби худ ҳифз карда мешавад. Бо вуҷуди ин, дар муқоиса бо кишварҳои Ғарб, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ дар муҳити рақамикунонӣ аз воситаҳои самаранок ва ҳимояи судӣ мукаммал бархурдор нестанд. Ин норасоиҳо дар баррасии парвандаҳо вобаста ба ошкорсозии ғайриқонунии маълумоти махфӣ мушкилиҳоро ба вуҷуд меоранд.

Бо гузаронидани таҳлили қонунгузории хориҷӣ ва миллӣ, ба хулосае омада шудааст, ки яке аз холигиҳои возеҳ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набудани муқаррароти мустаҳками меъёрӣ ҷиҳати таъмини сатҳи зарурии ҳифзи иттилооти рақамиест, ки метавонад ба сирри

тиҷоратӣ мансуб гардад. Дар кишварҳои ғарбӣ қонунҳои махсусе мавҷуданд, ки илова бар дигар масоил, масъалаҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ ва таъмини амнияти иттилоотии субъектҳои фаъолияти соҳибкориро танзим мекунанд. Дар Тоҷикистон то ба имрӯз чунин механизмҳо ба таври кофӣ рушд наёфтаанд ва ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар муҳити рақамӣ ба танзими самараноки ҳуқуқӣ фаро гирифта нашудааст. Бо ибораи дигар, фарқияти асосӣ миёни қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ дар сатҳи тафсилоти меъёрҳои қонуни марбут ба сирри тиҷоратӣ, мавҷудияти механизмҳои массири ҳифз дар муҳити рақамӣ, инчунин амалисозии васеи таҷрибаи судӣ ва татбиқи ҳуқуқӣ ифода меёбад.

Боби дуюми кори таҳқиқотӣ **«Табиати ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои сирри тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад. Боби мазкур аз чор зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби дуюм – **«Мафҳум, табиати ҳуқуқӣ ва аломатҳои сирри тиҷорати»**, муҳаққиқ таҳқиқоти мундариҷавии худро бо мақсади муайян намудани табиати ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ аз нигоҳи назарияи муосири илмӣ ва қонунгузорӣ анҷом додааст. Равишҳои қонунгузорӣ дар фаҳмиши иттилоот ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ кушода шудаанд. Муаллиф таҳлил мекунад, ки кадом маълумот метавонад ба ҳайси сирри тиҷоратӣ шинохта шавад ва барои муайян кардани он дар доираи қонунгузорӣ кадом меъёрҳо истифода мегарданд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки институти сирри тиҷоратӣ қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти ҳар як давлати ру ба инкишоф мебошад. Маълумоти махфӣ ҳамеша барои фаъолияти соҳибкорӣ (тиҷоратӣ) аҳамияти калон дошт ва умуман, ҳатто имрӯз низ ба рушди муомилоти тиҷоратӣ дар давлат таъсири бузург мерасонад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳо ва осоншавии

равандҳои паҳншавии маълумот, рӯз ба рӯз масъалаҳои танзими қонунӣ низ дар ҷаҳон аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Ҳамчунин, худи маълумот ва ҳифзи он ҳамчун яке аз намудҳои муҳимтарини мол дар бозор аҳамияти бештар касб менамояд. Аз ин рӯ, соҳибони чунин маълумот ҳамеша талош мекарданд, ки онро ҳифз намоянд ва аз хатари эҳтимолии талаф ё duздии он ҷилавгирӣ кунанд, зеро талафи маълумоти махфӣ метавонад ба онҳо оқибатҳои ҷиддии молиявӣ биёварад.

Бояд қайд намуд, ки мафҳумҳои «сирри тиҷоратӣ» ва «сирри истеҳсолот» дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ тақрибан ҳаммаъно мебошад. Ҳарду мафҳум ба фаъолияти соҳибкорӣ рабт доранд, вале фарқи ночизе ҳаст, ки сирри тиҷоратӣ бештар хусусияти иқтисодӣ дорад, дар ҳоле ки сирри истеҳсолот метавонад ҷанбаҳои техникӣ дошта бошад. Бо вуҷуди ин, ҳарду мафҳум бо як режими ягонаи ҳуқуқӣ танзим мегарданд.

Муаллиф бар ин назар аст, ки қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи танзими сирри тиҷоратӣ дар марҳилаи комилан навини рушди таърихӣ қарор дорад. Мафҳуми дастгоҳӣ, моҳият, субъектҳо ва объектҳо, ҳамчунин роҳҳои ҳифзи режими ҳуқуқи сирри тиҷоратӣ, таърифҳои ҳуқуқии хос ва мушаххас пайдо кардаанд, ки имкон медиҳанд онҳоро ба таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳад»**, диссертант дар доираи таҳқиқот таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ анҷом дода, дар доираи он рӯйхати маълумотҳое, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳанд, омӯхта ва мавқеи онро дар низоми объектҳои моликияти зеҳнӣ муайян намудааст. Ҳамчунин, масъалаҳои назарявии таснифи намудҳои сирри тиҷоратӣ ва муносибати он бо дигар маълумотҳои махфии ҳифзшаванда баррасӣ гардида, мавқеи онро дар низоми

объектҳои қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

Муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки дар доктринаи илмӣ то ба имрӯз муносибати ягона ва маъмулан пазируфташуда нисбати маънои ҳуқуқии маълумоти махфӣ ба вуҷуд наомадааст. Ҳам қонунгузории миллӣ ва ҳам қонунгузории ҳориҷӣ бо шумораи зиёди намудҳои чунин маълумот кор мекунанд, вале дар миёни ин гуногунрангӣ ҳамон маълумоте, ки хусусияти сирри тиҷоратӣ дорад, бо аҳамияти махсус ҷудо гардида, аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқ ва амалияи татбиқи он таҳлили муфассал ва мустаъқилонаро талаб мекунанд.

Пас аз таҳлили санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва доктринаи илмӣ, диссертант таснифоти зерини маълумоти махфии тиҷоратиро муайян менамояд: илмӣ-танзимотӣ; технологӣ; истеҳсолӣ; молиявӣ-иқтисодӣ; сирри истеҳсолот (ноу-ҳау) ва ташкилотӣ.

Қайд мегардад, ки ҳамаи маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳанд, унсурҳои калидии фаъолияти самараноки корхонаҳо мансуб меёбад, зеро онҳо афзалиятҳои рақобатиро таъмин намуда, манфиатҳои ташкилотро ҳифз мекунанд. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сирри тиҷоратӣ намудҳои гуногуни маълумотеро, фаро мегирад, ки метавонанд ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ таъсири бузург расонанд.

Ҳамзамон, диссертант таъкид менамояд, ки сирри тиҷоратӣ миёни дигар намудҳои сирҳо мақоми махсусро ишғол мекунад ва ҳамзамон бо тамоми институтҳои маълумоти махфӣ робитаи зич дорад. Ҳамаи намудҳои чунин маълумот вобаста ба мазмун ва самти фаъолият бо санадҳои меъёрии соҳаҳои мухталиф ҷудогона танзим карда мешаванд. Бо вуҷуди васеъ таъриф ёфтани мафҳуми сирри тиҷоратӣ, қонунгузор то имрӯз моддаи алоҳидаеро пешбинӣ накардааст, ки рӯйхати пурраи маълумотҳое, ки сирри

тиҷоратиро ташкил медиҳанд, ба таври муфассал ошкор намояд. Бешак, худи ин масъала низ хеле душвор ба назар мерасад, зеро дар соҳаи илм теъдоди зиёди иттилооти гуногуне мавҷуд аст, ки метавонанд ба гурӯҳи маълумоти махфӣ шомил гарданд.

Муҳаққиқ дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Таносуби сирри тиҷоратӣ бо дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ»**, ки дар он махсусиятҳои вежаи моликияти зеҳниро ҷиҳати муайян кардани номгӯйи маълумоте, ки ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ пазируфта мешаванд, таҳлил мекунад.

Диссертант таъкид мекунад, ки доктринаи ҳуқуқии муосир, хусусан дар соҳаи институти моликияти зеҳнӣ, бо вуҷуди сатҳи назарявӣ ва амалии бадастомада, то ҳол теъдоди ниҳоӣ, мушаххас ва умумиқабулшудаи маълумотеро, ки метавонад ҳамчун объектҳои фаъолияти зеҳнӣ шомил гардад, таҳя накардааст. Дар айни ҳол, низоми меъёрии ҳуқуқии кишварамон бе ҷорӣ намудани ягон меъёри фарққунанда ё маҳдудкунандаи ҳуқуқӣ нисбати онҳо принсипи ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳар гуна категорияҳои объектҳои моликияти зеҳниро мустаҳкам менамояд.

Махсусиятҳои вежаи сирри тиҷоратӣ бо табиати махсуси он дар доираи объектҳои моликияти зеҳнӣ муайян гашта, бинобар ин он на дар заминаи натиҷаи моддии фаъолияти эҷодӣ, балки ҳамчун навъи иттилоот баррасӣ карда мешавад. Баракси дигар объектҳои классикии моликияти зеҳнӣ, ба монанди ихтироот, асарҳои илм, адабиёт ва ғайра, сирри тиҷоратӣ дар шакли натиҷаи анҷомёфта мустаҳкам карда намешавад, балки дар шакли маълумоте мавҷуд аст, ки арзиши он бо сабаби хусусияти махфидоштааш муайян мегардад. Бо ибораи дигар, моҳияти ҳуқуқии он бевосита бо хусусияти иттилоотӣ доштанаш алоқаманд аст, ки ба ин институт хусусияти универсалӣ дода, дар навбати худ имконияти фаро

гирифтани доираи васеи маълумоти муҳими хоҷагидориро медиҳад.

Ҳангоми таҳлили масъалаҳои муносибати сирри тиҷоратӣ бо дигар ҳуқуқҳои истисноӣ, муаллиф ба хулосае меояд, ки мавҷуд будан ё набудани ягон маълумоти мушаххас муҳим нест, балки муҳимтар аз ҳама барои тамоми объектҳои моликияти зеҳнӣ як манфиати умумӣ, яъне молумулкиро фаро гирифтани онҳо ба ҳисоб меравад. Вобаста ба нуқтаи назари мазкур метавон қайд кард, ки сирри тиҷоратӣ ҳатто ҳамчун «объекти ғайрианъанавӣ» бо ҳамаи объектҳои фаъолияти зеҳнӣ ва аз ҷумла ҳуқуқҳои истисноӣ хусусияти умумӣ доранд. Хусусан, дар ҳоле ки ҳамин «маълумот» ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ тамоми хусусиятҳои институти мазкурро дар худ таҷассум мекунад. Дар навбати худ, маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳанд, миёни дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ мавқеи нисбатан хосса дорад.

Дар зербоби чоруми боби дуюм – **«Субъектҳои ҳуқуқ ба сирри тиҷоратӣ ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо»,** муаллиф вазъи ҳуқуқии субъектҳоеро, ки ҳуқуқ ба сирри тиҷоратӣ доранд, баррасӣ намуда, ҳусусиятҳои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Муаллиф такид менамояд, ки сирри тиҷоратӣ ҳамчун объекти махсуси ҳуқуқи маданӣ пеш аз ҳама бо субъектҳои ин навъи муносибатҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст, ки минбаъд барои ин субъектҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои муайянро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои хос ва мураккаби институти сирри тиҷоратӣ дар шароити имрӯза, масъалаи муайян намудани доираи шахсоне ба ҳисоб меравад, ки метавонанд ҳамчун субъектҳои ҳуқуқ ба сирри тиҷоратӣ дошта баромад намоянд.

Бо омӯзиши қонунгузории ҶТ ва таълимоти илмӣ, муаллиф ақидаеро ҷонибдорӣ мекунад, ки субъектҳои ҳуқуқ

ба сирри тиҷоратӣ дошта метавонанд шахсоне бошанд, ки қобилияти нигоҳдошти объектҳои мушаххаси иттилооти махфиродоранд. Аз ин рӯ, иштирокчиёни воқеии муносибатҳои ҳуқуқие, ки ба истифодаи сирри тиҷоратӣ алоқамананданд, метавонанд шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие бошанд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Таҳлили назарияи илмии донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба таҳлили мафҳуми сирри тиҷоратӣ ва доираи соҳибони он нишон медиҳад, ки воқеан дар соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ доираи васеи назаряҳо мавҷуданд, ки ин ҳолат мушкилии муайянсозии мавқеи ҳуқуқии субъектони ин муносибатҳоро боз ҳам шадидтар мегардонад. Гуногунӣ ва зиёд будани истилоҳоте – аз қабили «соҳибҳуқуқ», «молик» ва дигар истилоҳҳои ба ин монанд, ки барои тавсифи шахсони дорои ҳуқуқ ба чунин сирр истифода мешаванд, аксаран боиси нофаҳмӣ ва таъбирҳои дучониба ҳангоми шарҳ ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мегардад. Аммо, барои дурусту аниқ муайян намудани истилоҳи мувофиқ ба қонунгузор интихоби фарзияи муносибро дар чаҳорчубаи меъёрҳои дахлдор пеш меояд.

Диссертант изҳор медорад, ки ҳамаи субъектҳое ки ҳуқуқ ба сирри тиҷоратӣ доранд, дорои маҷмуи муайяни ҳуқуқу ӯҳдадориҳо мебошанд. Ин ҳуқуқу ӯҳдадориҳо дар ҷараёни ҳимояи сирри тиҷоратӣ ташаккул меёбанд ва асоси онҳоро меъёрҳои дақиқи ҳуқуқӣ ва тадбирҳои амалие муайян месозанд, ки бояд дар ҳамаи сатҳҳо – аз соҳибон то кормандон ва шарикон (контрагентҳо) риоя гарданд.

Боби сеюми рисола **«Ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳифзи сирри тиҷоратӣ»** ном дошта аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби сеюм – «**Ҳолати сирри тиҷоратӣ»,** диссертант режими ҳуқуқии сирри тиҷоратиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки унсури калидии системаи ҳифзи иттилооти махфӣ мебошад, баррасӣ намудааст.

Диссертант қайд менамояд, ки низоми ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури калидии системаи ҳифзи иттилооти махфӣ ба шумор меравад. Ин низом дар шароити рушдёбии иқтисоди бозаргонӣ, афзоиши рақобатҳо дар кишвар ва рақамисозии муносибатҳои иқтисодӣ нақши торафт муҳимтарро мебозад.

Дар зербоби мазкур муаллиф ба хулосае меояд, ки сирри тиҷоратӣ, бар хилофи дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ бақайдгирии махсус ё эътирофи расмиро аз ҷониби давлат талаб намекунад. Низоми ҳуқуқии он бар ду асоси ба ҳам вобаста бунёд ёфтааст: якум, ташаббус ва масъулияти худи соҳиби иттилоот, ки вазифадор аст барои ҳифзи махфияти он чораҳои оқилона андешад; дуюм, ӯҳдадории шахсони сеюм, ки бояд аз дастрасӣ, истифода ё фошсозии ғайриқонунии чунин иттилоот худдорӣ намоянд. Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ тавозуни манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятиро ба вуҷуд меорад, ки аз як тараф, он фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд мегардонад ва аз ҷониби дигар, муносибати худсарона бо иттилооте, ки арзиши муҳимми иҷтимоиву иқтисодӣ дорад, маҳдуд месозад.

Диссертант таъкид менамояд, ки дар таълимоти ҳуқуқӣ зери мафҳуми чораҳои режимӣ одатан маҷмуи механизмҳои ҳуқуқӣ, техникӣ ва дигар тадбирҳое фаҳмида мешаванд, ки ба пешгирии системавии фошшавии иттилооти махфӣ равона гардидаанд. Дар ин замина бояд тазаккур дод, ки чунин чораҳои режимӣ танҳо ба маҳдудсозии дастрасӣ ба иттилооти муайян маҳдуд намешаванд. Онҳо дар асл як низоми мукаммали назоратро дар дохили ташкилот созмон медиҳанд, ки тамоми марҳилаҳои гардиши иттилоотро – аз лаҳзаи тавлид ва нигоҳдорӣ то марҳилаҳои коркард ва нобудсозии маълумот дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, чораҳои режимии ҳифзи

сирри тиҷоратӣ набояд танҳо вокуниши рӯяки баҳри таҳдиди фошшавии иттилооти махфӣ амал кунанд, балки бояд ҳамчун як низоми муташаккил ва пурфунксионалие бошанд, ки унсурҳои танзими ҳуқуқӣ, ташкилии дохилӣ ва воситаҳои техникиро дар бар гиранд.

Дар ҷамъбаст муаллиф таъкид менамояд, ки ҳимояи ҳуқуқии иттилооти махфӣ, аз ҷумла сирри тиҷоратӣ, як сохтори мураккабу бисёрзинагии ҳуқуқие менбошад, ки бар омезиши танзими меъёрҳои ҳуқуқӣ, санадҳои дохилии ташкилот, ӯҳдадориҳои шартномавӣ ва дигар чораҳои муназзаме, ки аз ҷониби соҳиби сирри тиҷоратӣ амалӣ мегарданд, асос ёфтааст. Дар ин замина, сирри тиҷоратӣ на танҳо объекти ҳифз, балки ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими таъмини амният ва рақобатпазирии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ муаррифӣ мегардад.

Диссертант дар зербоби дуюми боби сеюм – **«Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ҳуқуқҳои истисноӣ ба сирри тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, муқаррароти асосӣ ва заминаҳои мушаххаси сар задани ҷавобгарии ҳуқуқиро барои ифшои сирри тиҷоратӣ дар доираи қонунгузории миллӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Диссертант қайд кардааст, ки дар марҳалаи кунунӣ меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани низоми сирри тиҷоратиро танзим менамоянд, тағйироти ҷиддӣ ва муҳимро аз сар гузаронидаанд. Ин дигаргуниҳо имкон доданд, ки заминаи ҳуқуқии раванди мазкур ба таври назаррас таҳким ёбад ва бисёре аз камбудиҳои қаблан мавҷудбуда бартараф карда шаванд. Қадами асосиро дар ин самт метавон ба амал даромадани Кодекси нави мадании ҶТ шуморид, ки он як қатор муқаррароти муҳимро дар соҳаи ҳуқуқҳои истисноӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба сирри тиҷоратӣ, ба таври возеҳ дарҷ намудааст.

Дар робита ба мавзуи мазкур муаллиф пешниҳод менамояд, ки барои ба шеваи муваффақона рӯёндани зарар, дорандаи иттилооте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳад, бояд на танҳо айни факти ҳуқуқвайронкуниро исбот намояд, балки инчунин ҳаҷми воқеии зарари расонидашударо тибқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ асоснок кунад. Одатан, дар амалия масъалаи мазкур душвории ҷиддӣ ба вуҷуд меорад, зеро барои муайян кардани эквиваленти дақиқи пулӣ барои паёмадҳои фошшсозии сирри тиҷоратӣ кори хеле мушкил мебошад. Ғайр аз баҳогузорӣ ба ҳаҷми зарари расонидашуда, бояд арзиши таҳия, истеҳсол ва татбиқи иттилооте, ки мавриди истифодаи ғайриқонунӣ қарор гирифтааст ба ҳисоб гирифта шавад. Дар амалияи ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ чунин усул ҳамчун як механизми самараноки ҳифзи ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ исботи худро ёфтааст. Ҳамзамон, дар адабиёти илмӣ андешаҳое оиди роҳандозӣ гардидани чунин механизмҳо дар низоми ҳуқуқии миллии мо садо медиҳанд, ки ҷонибдори ҳар чи бештари татбиқи он мебошанд. Чунин икдом метавонад пеш аз ҳама ба баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иттилооти махфӣ ва таҳкими кафолати ҳуқуқии соҳибони он мусоидат намояд.

Инчунин қайд карда мешавад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ, ҳарчанд аз ҷиҳати таъсирнокӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ баробар нест, аммо бо вуҷуди ин дорои таъсири назаррас ба қонунвайронкунанда мебошад ва барои ӯ паёмадҳои ҷиддиро ба бор меорад. Маҳз ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар амалия бештар истифода мешавад, зеро мақсади асосии он ҷуброни зарари молиявии соҳибони сирри тиҷоратӣ мебошад, ки бар асари вайронкунии низоми муқарраргардидаи ҳифзи иттилооти махфӣ ба вуҷуд меояд.

Масъалаи татбиқи амалии меъёрҳои дигари дар кор зикршуда низ таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Аз он

ҷост ки танзими ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар қонунгузории миллӣ ҳодисаи нисбатан нав мебошад, ки дар амалияи судӣ баррасии чунин навъи парвандаҳо ҳанӯз пеш наомадааст ё хеле кам ба назар расидааст. Ин ҳолат таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқиро хеле мушкил намуда зарурати ҷамъоварии минбаъдаи таҷрибаи татбиқи қонунро пеш меорад, ки имкон медиҳад самаранокии қонунгузории амалкунандаро ба таври объективӣ арзёбӣ намуда, самтҳои рушди минбаъдаи онро муайян созем.

Дар анҷоми таҳлили гузаронидашуда метавон гуфт, ки таҳқиқоти институти ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ҳуқуқ ба сирри тиҷоратӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки як қатор хусусиятҳои танзими ҳуқуқии он ошкор карда шаванд. Омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда нишон медиҳад, ки низоми мавҷудбудаи қонунгузорӣ, ки паёмадҳои вайронсозии муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» ва дигар санадҳои ҳуқуқии вобастаро танзим менамояд, то ҳол ба таври комил ва бо ҳамоҳангии зарурӣ таҳлил накардааст. Албатта, мавҷудияти чунин холигӣ ва номукаммалии ҳуқуқии соҳаи мазкур зарурати таҳқиқи илмии минбаъда ва такмили қонунгузориро тақозо менамояд.

## ХУЛОСА

Вобаста ба таҳқиқоти гузаронидашуда, ки бар таҳлили меъёрҳои қонунгузории маданӣ ва таълимоти илмӣ дар соҳаи сирри тиҷоратӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба соҳаи мазкуралоқаманд асос ёфтаанд, метавон хулосахои зеринро баён кард:

1. Дар шароити иқтисоди муосир рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи сирри тиҷоратӣ бояд тазодҳо ва мушкилоти муосири вобаста ба рақамисозии фаъоли тиҷорат, инчунин масъалаҳои

эҳтимолии вайронкардани маълумоти корхонаҳоро ба назар гирад. Барои бозбинии қонунҳои мавҷудбуда, бояд роҳҳои ҷадид бо назардошти стандартҳои байналминалӣ, ба монанди созишномаи ТРИПС, меъёрҳои СҶТ, инчунин таҷрибаи кишварҳои ИА ва ИДМ пайдо карда шавыанд. Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо раванди рақамисозии иқтисодиёт ҳамқадам гашта, тавозуни байни ҳимояи манфиатҳои тиҷоратии корхонаҳо ва зарурати ҷорӣ намудани шаффофияти фаъолияти соҳибкорӣ таъмин гардад.

Ба ибораи дигар, дар пасманзари афзоиши рӯзафзуни равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар назди қонунгузор масъалаи бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада, масъалаҳои марбут ба ҳифзи иттилооте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳанд, танзим карда шаванд **[1-М].**

2. Бо таҳлили қонунгузории хориҷӣ ва миллӣ ба чунин хулоса омадем, ки яке аз холигиҳои возеҳ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набудани муқаррароти мустаҳками меъёрӣ ҷиҳати таъмини сатҳи зарурии ҳифзи иттилооти рақамиест, ки метавонад ба сирри тиҷоратӣ мансуб гардад. Дар кишварҳои ғарбӣ қонунҳои махсусе мавҷуданд, ки илова бар дигар масоил, масъалаҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ ва таъмини амнияти иттилоотии субъектҳои фаъолияти соҳибкориро танзим мекунанд. Дар Тоҷикистон то ба имрӯз чунин механизмҳо ба таври кофӣ рушд наёфтаанд ва ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар муҳити рақамӣ ба танзими самараноки ҳуқуқӣ фаро гирифта нашудааст. Бо ибораи дигар, фарқияти асосӣ миёни қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ дар сатҳи тафсилоти меъёрҳои қонуни марбут ба сирри тиҷоратӣ, мавҷудияти механизмҳои массири ҳифз дар муҳити рақамӣ, инчунин амалисозии васеи таҷрибаи судӣ ва татбиқи ҳуқуқӣ ифода меёбад **[1-М].**

3. Хулоса баровардa шуд, ки табиати ҳуқуқии институти сирри тиҷоратӣ таъиноти функсионалии он – таъмини тавозуни одилона байни зарурати ҳифзи маълумоти махфӣ ва таъмини озодии соҳибкориро инъикос мекунад. Ин низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ ба пешгирии дастрасии ғайриқонунӣ ва истифодаи нодурусти сирри тиҷорати равона гардида, ба ин васила рақобатпазирии корхонаҳоро дар бозор нигоҳ медоранд **[2-М].**

4. Муалиф муайян намудааст, ки сирри тиҷоратӣ дар байни дигар намуди сирҳо ҷойгоҳи махсус дошта дар айни замон бо ҳамаи институтҳои иттилоотии махфӣ робитаи зич дорад. Ҳамаи намудҳои чунин маълумот вобаста ба мундариҷа ва самти фаъолият бо сандҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи соҳавӣ баррасӣ карда мешаванд. Бо вуҷуди аломатгузории васеи мафҳуми сирри тиҷоратӣ, қонунгузор то ин имрӯз моддаи алоҳидаро пешбинӣ накардааст, ки тавонад тамоми номгӯйи маълумоти дорои сирри тиҷоратиро муфассал ошкор кунад. Бешубҳа, худи ин масъала хеле мураккаб ба назар мерасад, зеро дар илм миқдори зиёди маълумоти гуногун мавҷуданд, ки метавонад ба махфият нисбат дода шаванд **[5-М].**

5. Дар айни таҳлили масъалаҳои мутаносиби сирри тиҷоратӣ бо дигар ҳуқуқҳои мустасноӣ, муалиф ба натиҷае расидааст, ки барои ҳамаи объектҳои моликияти зеҳнӣ вуҷуд доштан ё надоштани ягон аломати мушаххас муҳим набуда, балки муҳимтар аз ҳама барои соҳибмулк як манфиати умумӣ, яне молу мулкиро фаро мегирад. Дар асоси мавқеъи мазкур, метавон қайд кард, ки сирри тиҷоратӣ ҳатто чун «объекти ғайрианъанавӣ» бо тамоми объектҳои фаъолияти зеҳнӣ ва аз ҷумла бо ҳуқуқҳои истисноӣ хусусиятҳои умумӣ дорад. Хусусан, дар ҳоле ки «иттилоот» ҳамчун оъекти мустакили хуқуқи маъданӣ тамоми хусусиятҳои ин институтро инъикос мекунад. Дар навбати худ, маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил

медиҳад, дар байни дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ нисбатан хос маҳсуб меёбад **[7-М].**

6. Ҳифзи ҳуқукии маълумоти махфӣ, аз ҷумла сирри тиҷоратӣ, сохтори мукаммал ва бисёрсатҳии ҳуқуқӣ мебошад, ки бар асоси ҳамгироии танзими меъёрӣ, санадҳои дохилиидоравӣ, уҳдадориҳои шартномавӣ ва тадбирҳои низоми ҳимоявӣ, ки аз ҷониби соҳиби сирри тиҷоратӣ татбиқ мегарданд, бунёд ёфтааст. Сирри тиҷоратӣ дар ин маврид на танҳо ҳамчун объекти ҳифз, балки яке аз унсурҳои муҳимтарини таъмини амнияти иқтисодва рақобатпазирии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор меравад **[3-М].**

7. Зикр мешавад, ки таъмин кардани низоми самараноки ҳифзи сирри тиҷоратӣ на танҳо воситаи ҳимояи инфиродии манфиатҳои соҳиби иттилооти сирри тичоратӣ мебошад, балки ҳамчун унсури муҳимми механизми ҳуқуқӣ ба рушди рақобати софдилона ва таҳкими ҷалби сармоягузории кишвар мусоидат менамояд.

Ҷорӣ намудани тадбирҳои иловагии ҳифзи сирри тиҷоратӣ дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан мусодира ва нобуд кардани воситаҳои моддии иттилооте, ки сири тиҷоратиро ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби шахси дигар ғайриқонунӣ дастрас ё истифода гардидаанд, ҳатто агар онро дар натиҷаи хато ё беэҳтиётӣ дарёфт гардида бошад, барои соҳибони қонунии чунин маълумот имконияти асоснок мешавад. Ба андешаи мо, таҳкими чунин муқаррарот дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» матавонад механизми муассиртари ҳифзи ҳуқуқии соҳибонро ҷорӣ намуда, ба онҳо заминаи воқеии мурофиавиро барои муроҷиат намудан ба мақомоти судӣ бо талаби ба зиммаи вайронкунанда вогузор намудани уҳдадорӣ барои риояи низоми муқаррарнамудаи махфигӣ ё барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи он фароҳам оварад **[8-М].**

8. Инчунин, бояд хулоса кард, ки низоми сирри тиҷоратӣ як ниҳоди махсуси ҳуқуқие мебошад, ки дар нгузории миллӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ мустаҳкам карда шуда, барои ҳифзи маълумоти махфӣ, ки арзиши воқеӣ ё эҳтимолии тиҷоратӣ дорад, равона гардидааст. Дар таълимоти илмӣ он ҳамчун маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникӣ шарҳ дода мешавад ва ҳифзи маълумотеро таъмин мекунанд, ки окор ё истифодаи онҳо метавонад ба манфиатҳои соҳиби қонунии онҳо зарар расонад.

Сирри тиҷоратӣ, бар хилофи дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ бақайдгирии махсус ё эътирофи расмиро аз ҷониби давлат талаб намекунад. Низоми ҳуқуқии он бар ду асоси ба ҳам вобаста бунёд ёфтааст: якум, ташаббус ва масъулияти худи соҳиби иттилоот, ки вазифадор аст барои ҳифзи махфияти он чораҳои оқилона андешад; дуюм, ӯҳдадории шахсони сеюм, ки бояд аз дастрасӣ, истифода ё фошсозии ғайриқонунии чунин иттилоот худдорӣ намоянд. Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ тавозуни манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятиро ба вуҷуд меорад, ки аз як тараф, он фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд мегардонад ва аз ҷониби дигар, муносибати худсарона бо иттилооте, ки арзиши муҳимми иҷтимоиву иқтисодӣ дорад, маҳдуд месозад **[8-М]; [2-М].**

9. Лозим ба ёдоварист, ки ҳадафи аслии ниҳоди ҳифзи тиҷоратӣ дар муҳофизати он маълумоте мебошад, ки дорои арзиши воқеӣ ё эҳтимолии иқтисодӣ буда, ба дорандаи он бартарии рақобатпазириро дар бозор фароҳам меорад. Нигоҳдории махфӣ ба субъекти хоҷагидорӣ имконият медиҳад, ки на танҳо фоидаи моддӣ ба даст орад, балки сатҳи дахлдори нархгузориро нигоҳ дошта, аз коҳиши сунъии арзиши маҳсулот пешгирӣ намояд ва хавфи рақобати носолимро ба ҳадди ақал расонад. Муҳофизати самараноки ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ нақши низомсозро дар

таъмини устувории муносибатҳои бозаргонӣ ифода мекунад. Аз даст рафтани иттилооти махфӣ метавонад на танҳо боиси расидани зарари молиявӣ ба як корхонаи алоҳида гардад, балки инчунин ба соҳа ё ҳатто бахшҳои ҷудогонаи иқтисодии миллии кишвар, махсусан дар ҳолате, ки сухан дар бораи маълумоти стратегӣ меравад, ҳисорот расонад. Маҳз ба ҳамин хотир, ҳар гуна амалҳои ғайриқонунӣ, ки ба фошсозӣ ёистифодаи хунукназаронаи иттилооти ҳифзшавандаравона шудаанд, бояд ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ эътироф шуда, боиси татбиқи чораҳои дахлдори ҷавобгарии ҳуқуқӣ гарданд- аз ҷавобгарии гражданӣ то ҷавобгарии ҷиноятӣ.

Ҳамин тариқ, таъмини нозоми самараноки ҳифзи сирри тиҷоратӣ на танҳо ҳамчун воситаи ҳифзи инфиродии манфиатҳои дорандаи иттилооти дорои аҳаммияти тиҷоратӣ баромад мекунад, балки инчунин унсури муҳими механихми ҳуқуқиест, ки ба рушди рақобати солим ва таҳкими ҷозибияти сармоягузории кишвар мусоидат менамояд **[6-М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Бояд қайд намуд, ки моддаи 10-и Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» рӯйхати васеи чораҳоеро, ки дорандагони маълумоти махфӣ ҷиҳати ҳифзи самараноки он бояд андешанд, муқаррар намудааст. Ба қатори чунин чораҳо: «... а) муайян намудани номгӯи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ; б) истифодаи сирри тиҷоратӣ дар воситаҳои сертификатсияшудаи ҳифзи иттилоот; в) маҳдуд кардани дастрасии иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ бо роҳи муқаррар намудани тартиби истифодаи ин иттилоот ва назорати риояи он; г) ба ҳисоб гирифтани шахсони ба иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ иҷозатдошта ва ё шахсоне, ки ин гуна иттилоот ба онҳо дастрас шудааст; д)

ба танзим даровардани муносибатҳо оид ба истифодаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ аз тарафи кормандон дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ ва аз тарафи контрагентҳо дар асоси шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ; е) гузоштани муҳри «Сирри тиҷоратӣ» дар рӯи ҳомилони (ҳуҷҷатҳои) моддии дорои сирри тиҷоратӣ ва зикри дорандаи ин иттилоот (барои шахсони ҳуқуқӣ - номи пурра ва маҳалли ҷойгиршавӣ, барои шахсони воқеӣ насаб, ном ва номи падари шаҳрванде, ки соҳибкори инфиродист ва ҷои истиқомат)» [3] дохил карда мешаванд.

Бешубҳа, чунин чораҳо дар амалияи аксар кишварҳои ҷаҳон анъанавӣ мебошад, аммо бо вуҷуди ин аз қабули қонуни таҳлилшаванда муддати тулонӣ гузаштааст, ки дар он бисёр воқеиятҳои муносибатҳои ҳуқуқии муосир дар соҳаи ҳифзи сирри тиҷоратӣ тағир ёфтаанд. Маълум аст, ки падидаи барҷастатарини давраи муосир, ин раванди умумиҷаҳонии рақамисозӣ мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ канор нагузоштааст. Бояд қайд кард, ки дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисоди бозаргонӣ пешрафта аллакай муддати тулонист қонунҳои ба ин монанд амал мекунанд, ки ҷанбаҳои гуногуни рақамикунонии муносибатҳои ҳуқуқии баррасишавандаро дар бар мегиранд. Мисоли равшан дар ин ҷо қонунгузории Иттиҳоди Аврупо, алалхусус меъёри моддаи 4-и Дастурамали Иттиҳоди Аврупо (2016/943)-и Шуро ва Парлумони Аврупо аз 8-уми июни соли 2016 «Дар бораи ҳифзи маълумоти ноу-ҳау ва маълумоти тиҷоратӣ (сирри тиҷорати)-и ошкорнашуда аз дастрасӣ, истифода ва ифшои ғайриқонунии онҳо» [1] мебошад, ки дастрасии беиҷозати шахсони сеюмро ба файлҳои электронии соҳиби сирри тиҷоратӣ ҳамчун амали ғайриқонунӣ, ки барои ҳуқуқвайронкунанда оқибати ногувор ба бор меорад, ба таври возеҳ танзим намудааст.

Хушбахтона дар мамлакати мо ин масъала дар сатҳи баландтарин ба миён гузошта шудаст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар иҷлосияи 79-уми Ассамблеяи СММ аз соли 2024 қайд намудаанд: «Тоҷикистон тавассути қабули стратегия ва дигар санадҳои консептуалӣ ҷиҳати марҳила ба марҳила ба системаи рақамисозӣ гузаштан чораҳои зарурӣ меандешад». Албатта равандҳои рақамикунонӣ на танҳо тағироти сохториро дар иқтисодиёт ё бахшҳои алоҳидаи технологии он беҳтар менамояд, балки барои навсозии самараноки кори қонунгузории амалкунанда дар муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи ҳифзи сирри тиҷоратӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар робита ба ин, мо мувофиқ мешуморем, ки моддаи 10-и Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» бо банди «ё» пурра гардида дар таҳрири зерин оварда шавад: «ҳангоми нигоҳдорӣ ва коркарди иттилооте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳад, дар воситаҳои электронӣ ё дар системаҳои иттилоотӣ татбиқи чораҳои мувофиқ ба ҳолатҳо, аз ҷумла рамзгузории маълумот, истифодаи аутентификатсияи бисёромилӣ, тамғагузории рақамии ҳуҷҷатҳои электронӣ ва ғ.».

# СПИСОК ИСПОЛЬЗОВАННЫХ ИСТОЧНИКОВ


**Международные акты, соглашении и договора:**

[1]. Директива (ЕС) №2016/943 Европейского парламента и Совета Европейского Союза «О защите конфиденциальных ноу-хау и деловой информации (коммерческой тайны) от незаконного приобретения, использования и раскрытия» [рус., англ.] (Принята в г. Страсбурге 08.06.2016) // Электронный ресурс. - Режим доступа: https://e-ecolog.ru/docs/Ym1uMEUJCyIaSWjW4dMzN?ysclid=mfi2eddwvd322662429&utm_referrer=https%3A%2F%2Fyandex.ru%2F (дата обращения: 12.09.2025 г.).

**Законодательные акты:**

[2]. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года [Текст] (на таджикском и русском языках). – Душанбе: Гандж, 2016. – 136 с. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://cs.gov.tj/content/uploads/2023/04/constitution_rus.pdf (дата обращения: 23.07.2024 г.);

[3]. Закон Республики Таджикистан «О коммерческой тайне» от 18 июня 2008 года №403. (в редакции Закона РТ от 11.02.2025г. №2151) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://andoz.tj/docs/zakoni/%D0%97%D0%B0%D0%BA%D0%BE%D0%BD%20%D0%A0%D0%A2%20%D0%9E%20%D0%BA%D0%BE%D0%BC%D0%BC%D0%B5%D1%80%D1%87%D0%B5%D1%81%D0%BA%D0%BE%D0%B9%20%D1%82%D0%B0%D0%B9%D0%BD%D0%B5.pdf (дата обращения: 10.01.2024 г.).

**Статьи, монографии, учебники, учебные пособия:**

[4]. Бромберг, Г. В., Розов, Б. С. Интеллектуальная собственность: действительность переходного периода и рыночные перспективы [Текст] / Г.В. Бромберг, Б.С. Розов; Рос. агентство по пат. и товар. знакам. – Москва: ИНИЦ Роспатента, 1998. – 207 с.

[5]. Гаюров, Ш. К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан [Текст]: Монография / Ш.К. Гаюров. – Москва: «Спутник+», 2010. – 361 с.

[6]. Раҳимов, М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ [Матн] / М.З. Раҳимов. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 408 с.

**Статьи:**

[7]. Адамов, А.В. Соотношение коммерческой тайны с объектами интеллектуальной собственности [Текст] / А.В. Адамов // Вестник Московского университета МВД России. – М., – 2009. – №2. – С. 77-79.

[8]. Имомова, Н.М. Особенности правового регулирования коммерческой тайны в зарубежных странах [Текст] / Н.М. Имомова // Вестник ТНУ (Серия социально-экономических и общественных наук). – Душанбе, – № 7. – 2024. – С. 228-235.

[9]. Потапов, Н.А. Соотношение ноу-хау с коммерческой тайной [Текст] / Н.А. Потапов // Юрист. – 2010. – № 6. – С. 40-43.

[10]. Сидиков, Д.А. Коммерческая тайна, как объект интеллектуальной собственности в свете гражданского законодательства Республики Таджикистан и Соглашение ТРИПС [Текст] / Д.А. Сидиков // Вестник Педагогического университета. – Душанбе. – 2015. – № 5 (66). – С. 302-306.

**Диссертации и авторефераты:**

[11]. Ацапина, Л.А. Коммерческая тайна как объект гражданских прав [Текст]: дис… канд. юрид. наук: 12.00.03 / Ацапина Любовь Александровна. – Рязань, 2005. – 209 с.

[12]. Гайнуллина, З.Ф. Правовое обеспечение прав и законных интересов обладателей необщедоступной информации: коммерческой тайны, ноу-хау [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Гайнуллина Земфира Фаилевна. – Москва, 1998. – 165 с.

[13]. Гуляева, Н.С. Коммерческая тайна в предпринимательской деятельности: сравнительно правовые исследования законодательство РФ, зарубежных государств и международно-правовое регулирование [Текст]: автореф. дис... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Гуляева Наталья Сергеевна. – Москва, 2002. – 25 с.

[14]. Игбаева, З.Р. Гражданско-правовая защита коммерческой тайны от неправомерных действий органов внутренних дел [Текст]:

дис… канд. юрид. наук: 12.00.03 / Игбаева Зульфия Римовна. - Санкт-Петербург, 2006. – 182 с.

[15]. Махмадхонов, Т. Проблемы правового обеспечения коммерческой тайны в законодательстве Республики Таджикистан [Текст]: дис… канд. юрид. наук: 12.00.03 / Махмадхонов Тошмахмад. – Душанбе, 2008. – 181 с.

**Электронные ресурсы:**

[16]. Выступление Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, многоуважаемого Эмомали Рахмона на встрече с бизнес-кругами, инвесторами и компаниями Государства Катар от 22.01.2024 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.president.tj/event/speeches/36549 (дата обращения: 05.03.2024 г.).

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Дустова, Н.С. Особенности становления гражданского законодательство зарубежных стан о коммерческой тайне [Текст] / Н.С. Дустова // Юридический вестник. – Душанбе. 2023. – №2 (14). – С. 47-51. ISSN 27-90-7570

**[2-М].** Дустова, Н.С. К вопросу о правовой природе коммерческой тайны [Текст] / Н.С. Дустова // Законодательство. – Душанбе. 2023. – №4 (52). – С. 112-117. ISSN 2410-2903

**[3-М].** Дустова, Н.С. Понятие и сущность коммерческой тайны [Текст] / Н.С. Дустова // Юридический вестник. – Душанбе. 2024. – №2 (18). – С. 27-31. ISSN 27-90-7570

**[4-М].** Имомова, Н.М., Дустова, Н.С. К вопросу о проблеме ответственности органов государственной власти и органов местного самоуправления за разглашение коммерческой тайны [Текст] / Н.С. Дустова // Вестник филиала Московского государственного

университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – Душанбе. 2024. – №2 (40), Том 2. – С. 79-87. ISSN 2709-6246

**[5-М].** Дустова, Н.С. Дустова, Н.С. Сущность и виды коммерческой тайны в гражданско-правовом регулирование [Текст] / Н.С. Дустова // Правовая жизнь. – Душанбе. 2024. – №4 (48). – С.142-147. ISSN 2307-5198

**[6-М].** Дустова, Н.С. Право (правомочие) на использование коммерческой тайны по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Н.С. Дустова // Государственное управление. – Душанбе. 2025. – №1 (72). – С. 261-266. ISSN 2664-0651, ISSN 2709-8567

## III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ амалӣ чоп шудаанд:

**[7-М].** Дустова, Н.С. Конференциальная коммерческая информация как объект гражданско-правовых отношений [Текст] / Н.С. Дустова // Материалы VIII Международной научно-практической конференции (симпозиума) для молодых исследователей «А43 Актуальные проблемы современного права: соотношение публичных и частных начал». – Краснодар: АНО «НИИ АПСП», ФГБОУ ВО КубГАУ. 2024. – С. 114-117. ISBN 978-5-6043867-5-0

**[8-М].** Дустова, Н.С. Общие принципы охраны коммерческой тайны [Текст] / Н.С. Дустова // Материалы XII Международной научно-практической конференции «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития, посвященную Году правового просвещения и 30-летию Конституции РТ. – Душанбе. РТСУ. – 2024. – С. 241-244

**[9-М].** Дустова, Н.С. Субъекты права на коммерческую тайну по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Материалы III Международной научно практической аспирантской конференции памяти В. Ф. Яковлева «М43 Межотраслевой подход в юридической науке: Экономика. Право. Суд». / под ред. О.В. Зайцева и С.О. Каприной. – М., 2025. – С. 64-68. ISBN 978-5-8354-2049-0

# АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Дустзоды Наргис Сайрухмад на тему «Коммерческая тайна как объект гражданского права в Республике Таджикистан» на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.3. Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право**

**Ключевые слова:** информация, конфиденциальная информация, коммерческая тайна, гражданское законодательство, предпринимательская деятельность, гражданский оборот, гражданская ответственность, конкурентное преимущество, возмещение убытков, интеллектуальная собственность, ноу-хау, субъекты, объекты.

Диссертационное исследование Дустзоды Н.С. посвящено актуальным вопросам состояния коммерческой тайны в гражданском законодательстве Республики Таджикистан. В рамках исследования автор проанализировал основные этапы формирования и развития законодательства Республики Таджикистан, регулирующего институт коммерческой тайны, начиная с середины прошлого века до настоящего времени. Был проведён анализ отечественных, зарубежных и международных норм, посвящённых правовой регламентации коммерческой тайны.

Автор также провёл углубленный анализ понятия и специфики коммерческой тайны с точки зрения современной научной доктрины и законодательства, с целью выявления правовой природы коммерческой тайны. Были исследованы вопросы соотношения коммерческой тайны с иными объектами интеллектуальной собственности. Определён круг субъектов, участвующих в правоотношениях по охране коммерческой тайны, а также выявлены их права и обязанности.

Кроме того, автором исследованы и определены актуальные вопросы правового режима коммерческой тайны и основания возникновения правовой ответственности за её раскрытие в соответствии с национальным законодательством.

Представленные к защите положения обладают новизной, обоснованы различными аргументами и способствуют устранению пробелов в действующем законодательстве в области коммерческой тайны.

**ФИШУРДА**
**ба автореферати диссертатсияи Дустзода Наргис Сайруҳмад дар мавзуи «Сирри тиҷоратӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Калидвожаҳо:** иттилоот, иттилооти махфӣ, сирри тиҷоратӣ, қонунгузории маданӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, муомилоти маданӣ, ҷавобгарии маданӣ, бартарии рақобатӣ, ҷуброни зарар, моликияти зеҳнӣ, ноу-ҳау, субъектҳо, объектҳо.

Таҳқиқоти диссертатсионии Дустзода Н.С. ба масъалаҳои мубрами вазъи сирри тиҷоратӣ дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф таҳқиқоти хешро пеш аз ҳама доир ба марҳилаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он аз нимаи асри гузашта то марҳилаи кунуниро фаро мегирад, анҷом додааст. Таҳлили меъёрҳои миллӣ, хориҷӣ ва байналмиллалиро гузаронидааст, ки ба танзими баррасии ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ бахшида шудаанд.

Муаллиф инчунин таҳлили амиқи мафҳум ва хусусиятҳои сирри тиҷоратиро аз нуқтаи назари таълимоти муосири илмӣ ва қонунгузорӣ бо мақсади муайян намудани табиати ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ анҷом додааст. Масъалаҳои таносуби сирри тиҷоратӣ бо дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ таҳқиқ карда шудаанд. Доираи субъектҳое, ки дар муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи сирри тиҷоратӣ иштирок мекунанд, муайян карда гардида, инчунин ҳуқуқ ва ухдадориҳои онҳо муайян карда шудаанд.

Илова бар ин, муаллиф масъалаҳои мубрами низоми ҳуқуқии сирри тиҷоратӣ ва асосҳои пайдоиши ҷавобгарии ҳуқуқиро барои ошкор кардани он тибқи қонунгузории миллӣ таҳқиқ ва муайян кардааст.

Асосҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида дорои навгонӣ буда бо далелҳои гуногун асоснок гардида, ба бартараф кардани камбудиҳо дар қонунгузории амалкунанда дар соҳаи сирри тиҷоратӣ мусоидат мекунанд.

## ABSTRACT

**of the author's summary of the dissertation by Dustzoda Nargis Sayrukhmad entitled "Commercial secret as an object of civil law in the Republic of Tajikistan" submitted for the degree of candidate of legal sciences in the specialty 5.5.3. Civil law; business law; family law; private international law**

**Keywords:** information, confidential information, commercial secret (trade secret), civil legislation, entrepreneurial activity, civil circulation, civil liability, competitive advantage, compensation for damages, intellectual property, know-how, subjects, objects.

The dissertation research of Dustzoda N.S. is devoted to relevant issues concerning the state of commercial secrets in the civil legislation of the Republic of Tajikistan. Within the framework of the study, the author analyzed the main stages of the formation and development of the legislation of the Republic of Tajikistan regulating the institution of commercial secrets, starting from the mid-twentieth century to the present. An analysis was carried out of domestic, foreign, and international norms dedicated to the legal regulation of commercial secrets.

The author also conducted an in-depth analysis of the concept and specific features of commercial secrets from the standpoint of modern legal doctrine and legislation, with the aim of identifying the legal nature of commercial secrets. Issues of the correlation between commercial secrets and other objects of intellectual property were examined. The circle of subjects participating in legal relations for the protection of commercial secrets was identified, as well as their rights and obligations.

In addition, the author examined and defined current issues of the legal regime of commercial secrets and the grounds for legal liability for their disclosure in accordance with national legislation.

The propositions submitted for defense possess novelty, are substantiated by various arguments, and contribute to eliminating gaps in the current legislation in the field of commercial secrets.